PROJECT MUSE®

# The Story of Barzu

Rahmoni, Ravshan




Published by Leiden University Press

Rahmoni, Ravshan.
The Story of Barzu: As Told by Two Storytellers from Boysun, Uzbekistan.
Leiden University Press, 2013.
Project MUSE.muse.jhu.edu/book/64044.

For additional information about this book
https://muse.jhu.edu/book/64044

Access provided at 25 Jan 2020 06:03 GMT with no institutional affiliation

This work is licensed under a Creative Commons Attribution 4.0 International License.

APPENDIX 1

# The Cyrillic Transcript of the Story of Barzu by Jūra Kamol as recorded in the Dialect of Pasurxī

ДОСТОНИ БАРЗУ
Гӯянда: Ҷӯра Камол, с.т.1921-вафот 1997
Макон ва замони сабт: Деҳаи Пасурхӣ, Бойсун, Ҷумҳурии Ӯбекистон.
Соли сабт: Декабри 1995.
Тарзи сабт: Дар касети магнитофон.
Сабткунанда: Равшан Раҳмонӣ
(К: = Камол; Р: = Раҳмонӣ)

К: Сӯҳроб Турконхотуна мегирад. Вай катӣ занушӯйӣ карда, буромда мерад. Лекин вай-ба йак нигин дода мерад.
Р: Турконхотун нигина мегирад-а?
К: Ҳа, нигина да дасташ мегираду мемонад. Аку дига ҳиччӣ не-де! Бача да ишкам… Баҳад чил шабу чил рӯз ино зану шӯйӣ кардагӣ… Вай монда мерад унча-ба, ана унча рафта, Эрон-ба, ад дарйои Аму гузишта Рустам катӣ дасту бозу мекунад, Сӯҳроб. Рустам се мароти-ба мегӯд:
«Ту авлоди кӣ? Ту ак кучо мешӣ?!»
«Ту насли насаби мана пурсида чӣ мекунӣ?» — гуфта, Сӯҳроб баднафсӣ карда, Рустама да теппеш мебардорад.
«Паҳлавонҳо сар дода-сар дода машқ мекунан» мегӯд [Рустам].
Ҳамин мамент-ба:
«Мана сар додам» – гуфта, сар метейад Сӯҳроб.
Ин, ҳамин Рустам, ҳамин йакбора, ҳамин вақта пойда истода, ҳамин ина бардошта мезанаду нархаша напурсида ханчар мезанад. Вай ҷонаш-ба сер шудагӣ-де. Чунки Рустам паҳлавони рӯи ҷаҳон-де. Ин ҳамин да теппеш бардошта пош аз замин канда шудан-ба мегӯд: «Ӯҳ! аз ин мурам авло» – гуфта. Ана ина мезанад. Ана Сӯҳроб дар ҳамун ҳолат:

«Ҳай номард!» – мегӯд, Сӯҳроб – падарам, Рустам, нашуд-де!» – мегӯд.
«Аҳ!» – мегӯд. Ҳолӣ да пишти Сӯҳроб. Ханҷара нагиртай ҳолӣ.
«Падарам, Рустам. Падар, Рустам…»
«Ман бачи Рустам… ҳа, ана ман Заринабонуйа бачеш».
«Ӯҳ!» – мегӯд, Заринабону, ки гуфт:
«Ӯҳ!» – мегӯд – ту аз Самангон?».
Даррав Рустам унчӣ мекунад:
«Нӯшдорӣ бийор!» – мегӯд. Боргоҳи подшоҳ-ба ҳамин асп метозонан «нӯшдорӣ бер» гуфта.
Рустам мегирйад, менолад, ки «бачи худама худам ханҷар задем, ки то даври қийомата, ин ан номи ман намерад. Ин йак иснод шуд да ман».
Нӯшдорӣ-ба омасодагӣ одам йак аспа сор шуда, омада, йак шохи дарахт-ба баста:
«Э куси эгет-ба – мегӯд – то[в]ба, аб барои ин, ман асп тохта мегардам? Да ин рӯзи гармо» – мегӯд.
Пута бардошта хоб мерад, хуррок кашида. То ина Сӯҳроб мемурад. Рустам восӯхти Сӯҳроб-ба мемонад, кабоб шуда. Ҳамин ки маъмус [амр] метейад, Афросийоба лашкараша аз чор, йак қисмаш намемонад. Бутун дарйои Аму-ба ғарқ мекунад. Чор ҷийани Рустам будагӣ, ки ҳар йактеш аждаҳор аз Рустам зийод. Ам чор тараф, чор гурӯҳ лашкара гирта, на пас мемонад, на пеш мемонад, на биқин; мезанад, йаксонаша мекашад. Ана аз инҷо омада Афросийоб, йаксонаш буромда, сару рӯи чӯп хӯрда бо ҳамин Самарқанд-ба меистад, подшогеш-ба.
Ам мобайн йак 10-12 сол мегузарад. Йак рӯз, анакун…
Гапа аз инҷа шунавед…
Ин Турконхотуна ҳамин бачеш пайдо мешад. Номаша худаш мемонад. Номи ин мегӯд, Барзу. Барзу ба маъное, ки барзагов! Ана маънош, ки барзагови буққи ҳамин дағал, ки замин ронда аз замин ҳаққаша ҷудо карда мегирифтагӣ. Аз барои ҳамин номи ина Барзуи деҳқон мегӯн. Ин деҳқонӣ-ба йакум меистад, ҳаштсолагеш-ба замин меронад. Бел кати замин пойбел кунда, аз замин кишт мегирад ин. Ана баъд, ин ҳокими Хӯҷабулғон, мана ин тарафи моҳона, ҳамин ҳамворийа, ҳаминҷа-ба [ровӣ бо дасташ ба самти ғарбии деҳаи Пасурхӣ ишорат мекунад] Йаккатут мешад, йак дона тут, аз алмисоқ мондагӣ; ҳаминҷа-ба чашма мешад.

«Рав – мегӯд [ҳоким] – ҳамина кишт куну хӯру хо[б] рав! Ту небари ман бошӣ».
Ана ин оча катӣ ҳаминҷа омадаааа, кишт карда, ана баҳад хом мерад. Тирамоҳ, харбуза ире, тарбуз ире, ҳандалак ире, бодиринг ире, сабча, хо[б] рафтай, бӯй гирта [арақ карда].
Пошшоҳи Афросийоб ҳамин тирамоҳ-ба бар зидди Эроншоҳ йана лашкар мекашад, Рустам-ба.
[Афросиёб] ҳаминҷа мебейаду:
«Ҳееей – мегӯд – ҳаминҷа омдодем Сӯҳроб катӣ – мегӯд – бо ҳаминҷа омадем» – мегӯд.
Аз ин Турконхотуну аб бачи ин бехабар, қатъийан! Баҳад мегӯт, ки:
«Эй – мегӯд – куҷо-ба, ҳамин йак даҳан ширинкунак бошад».
Акун ҳӯ аб болои гӯшту ину вай харбуза хӯрдан даркор.
«Ҳа, балотона гирем, мейобем. Эҳ, о ҳай Йаккатутзор-ба, ҳамта пур шуда хорафтай. Ақ қир урӯ гузаред» [мегӯяд вазир].
Ам Сарғийозӣ ҳамта пойон нишеб мешад. Ҳамин-ба, ҷӯра [мурочиати ровӣ ба шунаванда], сесад кас йакдан мебейад. Сесад аспакӣ ал лашкари Афросийоб. Омда сесадтеш йакбора ҳамта… ҳамин Нуриллойа, мегӯйем-ку боғаш [дар замони амири Бухоро ин минтақа боғи Нуриллобой будаст], пойони ҳамин-ба пап-паҳан мешад, сип-сийоҳ! Шақар-шақар-шақар-шақар, вағур-вуғур, аспо ҳингир-ҳингир. Йакчиқот Барзу ҳамин хо[б] рафтод, мана инта карда [ровӣ бо ишорати нишон медиҳад].
«Оча, вай чӣ гап?» – мегӯд.
«Ав балам – мегӯд – инта буромда бин. Йак бало лағат кунда омад» – мегӯд.
«Куҷойа?» – мегӯд.
«Палака, путун пайкон кард» – мегӯд.
«Эҳ, чӣ вай?» – мегӯд.
«Ха, йакта-дута мегиртагист, мерафтагист-де – мегӯд – раҳгузар будагист» – мегӯд.
«Не! – мегӯд – ҳамта пайкон кард, хез инта, одам бошӣ!» – мегӯд оча, доду вой гуфта чирраз зада.
«Ибӣ очем чӣ-ба инта гуфт» – гуфта аҷ ҷош мехезад, ки дарни палак ҳамин асп тохсен; асп кафондагеш кадом, нобуд кардагеш кадом. Ана баъд Барзу «ҳичӣ намегӯм» мегӯд:
«Ӯй-ӯй! Паҳлавоно, раҳгузар-ма шумойон, ана харбузахӯр-ма, тарбузхӯр-ма, о, а эгеш йак даҳан пурсида розӣ кунда гиретон

намешад-ма, о ин қата пайкон кардана, мондагеш моҳонбайам монад» –мегӯд.
Ин ҳамин йак калони пешвош будай, ҳамунойа саркардеш, ҳамин болои асп-ба шилмиш [кашола] кунда истодагӣ-де.
«Э ширмак! Ина мо шоҳи олам-ба бурсем! Ту-ба кӣ мондай ин гапойа» – гуфта, ҳамин омада Барзуйа йак қамчин мезанад.
Ин ҳамин қамчин мезанад, ҳамин тарафашбайу мана ҳамин тарафи чаккеш-ба [ровӣ бо даст нишон медиҳад] саҳл таъсир мекунад, кифт-ба мезанаду чакка-ба мерасад.
«Ӯӯӯ» – мегӯд, оби чашмаш мебурод, зарби қамчинкатӣ. Баҳад мегӯт, ки:
«Ээ, ҳам палакам-ба даройӣ! Ҳам пайкон кунӣ! Ҳам дуззӣ кунӣ! Ҳам бо мана қамчин занӣ, ээ?! Хай мана ширмак, тубайам йак шир маконам» – мегӯду йак белаш будай, ҳамин бела ҳамта сараша мезанаду ҳамин дасти бел кати «қадама тайоқ» [номи бозӣ] мекунад.
Аҳ ҳамин 13 кас аранг гурехта халос мешад, аз сесад кас. Пеши подшоҳ мерад сар кафидагӣ, даст шикастагӣ, гийристагӣ.
«О, ҳа?»
«Э, ҳамта».
Баҳад подшоҳ ҳаштсад каса йакдан мефармод, Афросийоб:
«Рав – мегӯд – хону монаш катӣ куфайакун кунда, алав монда гирта бе» – мегӯд.
Баҳад Пирони Геса мегӯд:
«Истӣ-истӣ – мегӯд, қуръа ҳав метейад – қуръи ман-ба унта не» – мегӯд.
Вай фолбин будагӣ-де, зӯр фолбин будагӣ-де.
«Ҳа» – мегӯд.
«Ин насли Сӯҳроб – мегӯд, ин аз Турконхотун шудагӣ – мегӯд – ун ҳаштсад, ҳазор, ҷамъи даҳ ҳазор лашкарата фурсонӣ йак пул – мегӯд – аз сесад кас сенздаҳ кас монд-ма?» – мегӯд.
«Ҳа» – мегӯд.
«Йак капек-ба намегирад – мегӯд – йак дасти белкатӣ задай – мегӯд – мана ино гуфсай – мегӯд – белкатӣ занад, инашам намеомад, – мегӯд – бе бел задай бо – мегӯт – риойа кардай» – мегӯд.
«Чӣ мекунем? Гир мана ҳайсад каса, худад рав» – мегӯд.
«Оре – мегӯд – ман-ба ҳашсад кас даркор не» – мегӯд.
Ана аз сипоҳ-сипоҳ, аз одамои нағз-нағз йак 80 каса мегирад ину ҳамин аспо-ба сор шуда, ҳамин ароба-ма, каҷоба-ма ину вай катӣ баҳад худаш омада, ана омда, мас кашида:

«Ӯӯӯ деҳқон! Ӯ полизкор! Ана, бачем, ҳа ире буройед».
«Ҳа, саломалекум, валекумассалом».
Кӯришмишу Барзу ҳайрон мемонад. Йак одами мӯйсафеди нуронӣ.
«Э, о ҳамин, мо ҳамта йак гузаргоҳ шуда аз Самарқанд, ҳамта омдодем, шоҳи олам катӣ. Ҳамин чуту мешад, ҳамин йак ду-се харбуза-ма, тарбуз-ма, ҳадаҳа мо-ба ҳамин йак марҳамат кунед, мана. – Ака [ровӣ ба шунаванда мурочиат мекунад], ҳамин халта-ба тилло мебарад, ана дидед-ма, олама халта-ба – мана худатон шуморида гиред».
Барзу ҳайрон мемонад:
«О ҳамин нав йак сурук одам омад ҳавайам аш шумо буд-ма?»
«Э моҳон вайа намедонем-е! Мойа шоҳи олам фурсонд-е. Вай уно кӣ намедонем, мана ман худам омдам. О шоҳ-ба розигеш катӣ натейат, йак кас мешад-ма? Ҳалолак, пайванд…»
Барзу ҳайрон мемонад.
«Гиред, бачем, гиред. Мана хостагетонча. Моҳон мана ин аспбайам, харбайам мегирем, шумо пулаша гиред» – мегӯд.
Ана, мардонагийи Барзу ҳаминҷа, ки танга намегирад аз ҳамин.
«Э падари бузургвор – мегӯд – мана, ки полиздор ҳисоб карда, шумо, ки аз ҳисоби пошшойи олам – мегӯд – ҳаминҷа омадед, ман да таҳти дасти ҳамин подшо бошам, пул гиртан ман-ба ҷоиз нест» – мегӯд.
«А, ҷон? Ҷоиз нест? О баракалло».
«Марҳамат, ароба-ба сувор шавед, қаср равем. Сӯҳбати пошшо-ба. Йак гурунг кунед».
Ана ин-ба баҳад очеш:
«Ха, бачем, рав – мегӯд, аз оча рухсат мегирад. Оча рухсат медиҳад. Бе рухсати оча намерафт. Турконхотун – ха бачем майлаш рав» – мегӯд.
Баҳад мерад ароба-ба сувор шуда. Ана унҷа мерад. Афросийоб ҳамта мебинаду баданаш важжӣ мекунад.
«Ӯҳ – мегӯд, ваҷоҳати ин ар Рустамам 70 маротиба зийод-ку – мегӯд – худи ин бачи майда» – мегӯд.
Ана акун, Барзуи деҳқон ҳамта, ки Сӯҳроб борин хушрӯ, хушқомат, чиройлӣ, инта не. Ин дабанг, ғӯл-мӣ, заранг, сийоҳчил, гавмонанд. Ҳамта ғӯб-ғӯла омадагӣ. Ин вай борин инта тоҷик борин не, ӯзбек питишлӣ. Баҳад ана мегӯн, Пирони Геса мегӯд:
«Ин – мегӯд – зарби модараш, падар-ба нарафтай – мегӯд – модар-ба рафтай.
«Оре» – мегӯд.

Баҳад мешинад.
«Акун ина чи хел санҷем мешад?»
Машварат мекунан. Баҳад ана шоиройа таййор мекунан, баҳад мегӯн, ки ҳар йактед йак чиз-ба, йак вазн-ба йак чиза махта кун. Ана баҳад Барзу-ба мегӯн, канӣ марҳамат мана.
Акун Барзу вай подшогӣ-мошшогӣ ин катӣ кор надорад-де, дашт-ба гаштагӣ. Мераду йак гӯсфанди куштагийа йак сонаша кашола кунда мебейаду лаби дег-ба омда кабоб, сихкабоб кунсай, инта-инта сихо-ба гузаронда. Ҳамин кабобхӯрӣ. Ҳамин, на пеши пошшо-ба мешинад, на қати уно мешинад, на сари дастурхон.
Шаб йактеш чӣ мегӯд:
«Дар ҷаҳон! Овози чӣ беҳ бошад?! Дар шунид, ки одам ором гирад?»
Йактеш гуфт:
«Овози булбул бошад».
«Ҳа, бале! Ин кас-ба йак сарҳанг тед».
«Дуйумаш чӣ?»
«Овози най бошад».
«Ҳа бале! Ин кас-ба-йам йак сарҳанг тед».
Барзу дам намезанад, кабобаша инта хӯрсай. Баад пешаш-ба йак дег-ба алавмемондагӣ буд. Баад:
«Сарҳангаш чӣ, вай?» – мегӯд.
«Эээ! – мегӯд – ту ҳоли намедонӣ-ма?» – мегӯд.
«Намедонам».
«Дарни вай-ба тилло танга ҳаст» – мегӯд.
«Чӣ барои досай ина» – мегӯд.
«Ҳамун гапи ҳавай бароӣ».
«Эҳ ин пошшо ахмоқ будай».
«Ибӣ дам, дам, дам, дам авозад набурод».
«Э ахмоқ будай-е! – мегӯд, ки – авози булбул гуфтан-ба, йак авози най гуфтан-ба – мегӯд – йак-йак сарҳанг медодай».
Баад йактеш:
«Дар ҷаҳон бӯи чӣ форам бошад! Хушрӯй бошад, муаттар бошад».
Баад йактеш:
«Авози атиргул бошад, бӯи атиргул».
Баад Барзу интӯ нигоҳ мекунад. Йактеш чӣ мегӯд:
«Атиргулоб хуш аст!»
Оре, инҳо-ба-йам сарҳанг. Ҳамин сейумаш нагуфта. Йакбора Барзу чӣ мегӯд:

«Э наълат, ба шумоҳондайин доно. Шоҳи ҷаҳона – мегӯд – ба хок тира кардийу ҳамету – мегӯд – фиребгарӣ кардӣ, на ин ки – мегӯд – дар майдони ҷанг овози асп хуш набошад аз найу булбули ту! На ин ки – мегӯд – хуни душмана дар майдон рехта, мамлаката аз душман тоза кардан набошад аз атиргули ту».
Пирони Геса мегӯд:
«Фаҳм – мегӯд – фаҳм – мегӯд – аз мор морбача мерӯйад – мегӯд – фаҳм, ки – мегӯд – ҳозира худаш аждаҳо шуд, замину замона...»
«Чӣ гуфсай?» – мегӯд.
Оре-оре-оре-оре-оре. Баъди аз ин авқотхӯрӣ чор кас намонда пеши пошшо мебарад, Барзӯйа, маҷбурӣ.
«Не, ман ҳаминҷа…»
«Не-не гардед».
Ҳамин кабобу ину вайу шаробу ину вай. Баад Барзу мегӯд:
«Ман ин шаробхӯрийа намедонам – мегӯд – ман найдемам – мегӯд – ман-ба харбуза бер, тарбуз бер» – мегӯд.
«Ҳа, не».
«Не – мегӯд – кабобата бер инҷа – мегӯд – мехӯрем» – мегӯд
Ҳа, хӯрдан мегиран. Ана баад Пирони Геса:
«Бӯтам, бобо гардад, ҳамин мо катӣ, ҳамин ба сафар, ҳамин ҳамроҳ шуда, ҳамин лашкаро-ба сардорӣ карда, пешравӣ мекунед, йо не?» — мегӯд.
Баад Барзу дар ҳамин мегӯт:
«Ман аз модари бузург пурсам конӣ, чӣ рухсат метейан».
Баад Перони Геса:
«Оре, оре пурсед».
Ана баад ино ин-ҷа мешинан, йак ароба, йакчан[д] кас Пирони Геса қатӣ. Ана бинед, ки ҳамин Пирони Геса йак ҳамйон танга-тилойа гирта мерад қатӣ, дуззӣ. Ун-ҷа мерад, Турконхотун, ин, вай модар-де, мегирйад. Баад дасти Турконхотун-ба ҳамту метейад:
«Йо қизам, то умратона ахираша хӯред мерасад. Лекин шоҳи олам ҳамта гуфтан, агар – мегӯд – рад кунед, аҷаб не, ки шоҳи олам барқасд нашавад».
Ана ҳамин гапа задан баади Перони Геса, Турконхотун дар ҳайрат мемонад. Воқеанам тӯғрӣ подшоҳ вай. Йак қасд кунад, тамом. Ҳамун барқасд нашавад:
«Аз барои ин, тӯҳфайа гиред. Дуои нек тед, мо сиҳат саломат сафар-ба бароем. – Ун-ҷа акун доми Рустам-ба мебарам, намегӯд. – Йак сайоҳат-ба мерем мебейем».

«О ина, ин сару тан, да ин чӣ мешад?».
«Э вайаш, шумойа коратон нашавад».
«Ха-ха».
Ана аз ин мебаран гашта, гардонда. Ана акун, «худо да шумо йош тейад» [муроҷиат ба шунавандаҳо], Сӯҳроба кийму кечакаша, аспаша катӣ аварда ҳамин додои Турконхотун-ба дода буден, лашкаро. Кийму-кечаки хунолудаша аварда да ҳамин доден. Ана ин ҳаминҷа-ба хорафтодай, аспашам, кийммашам. Ҳамин дӯзандайи ҳамин ӯзбакойа ҳамеша ғун мекунан, йак пӯстин медӯзан, ҳамин Барзу-ба, Барзуи деҳқон-ба. Йак пӯстин медӯзан, ӯлчак паймона карда, аз пӯст-де, ош додагӣ, пӯсти нағз, пӯсти нағз, бақувват. Мепӯшад пӯстина. Пӯстина инта пӯшида баад мана ин инта мекунад [ровӣ ду китфашро ба пеш мекашад] парра-парра ҷудо мешад.
«Ӯ худо» – мегӯд. Ана баад очеш Турконхотун-ба мегӯн, ки:
«Ҳамун авваланки паҳлавона киймашу либосашу аспашу чӣ шуд?»
«Ҳолӣ истодай. Бонӣ (пинҳон) карда мондем».
Даррав гирта мебейад. Ҳамин кийми додоша мепӯшад да танаш худди қуйма борин. Аспа мешинад, бемалол. Ав вай дигар асп бардошта наметонад. Ҳамин кати а инҷа гирта ина, ад дарйои Аму мегузаран. Ад дарйои Аму мегузарану ана доми Рустам-ба мерад. Ана баад рафта, майдони ҷанг-ба медарод. Майдони ҷанг-ба медарод саф мекашан. Ана ав урӯ йак чуқот Рустам мебейад. Йак ҳашамат, йак ҳайбат, Рахши Рустам ҳарраз [овози асп] зада чашмош алав борин буромда.
Барзу ҳайрооооон мемонад. «Дар ин дарни лашкари Афросийоб ин хел одама найдем ин мегӯд, чӣ хел одам будай?». Ана баад рӯ ба рӯ мебейаду баад мегӯд, ки:
«Наслу насабата дар ман фаҳмон» – мегӯд Рустам.
Анаку Барзу наслу насаба намедонад, ҳиччийа. Турконхотун медонад, ина Сӯҳроб медонад. Ҳайрон мемонад. Нархаша напурсида:
«Мана наслу насаби ман» – гуфта, ҳамин ҳоланкӣ Рустам-ба йак гурзӣ ҳавола мекунад-де.
Ин ҳамин гурзӣ мераду… ин ҳамин наслу насабат чӣ гуфта… ҳамин қалқон [сипар], ҳавоӣ искирта истодагӣ Рустам. Маҳкам набудагӣ-де. Ин ҳамин аз партофтани ин бехабар. Ҳамин қалқон йакбора да кифт мезанад, илачила мегирад.
«Хай – мегӯд – пага мебинем – мегӯд Рустам доногӣ карда.
«Пага мебинем» – мегӯд йак майдона гирд гашта бозӣ карда, инам йак гурзӣ мепартод.

Рустам ҳиччӣ ҳав наметейад. Ана баад Перони Геса мегӯд:
«Ҳааа! Бачем – мегӯд – бачагӣ кардед-а?» – мегӯд.
«Ҳа» – мегӯд.
«Ҳамун гурзӣ катӣ дасти вай шал шуд – мегӯд – мегиртед, баста мегиртед» – мегӯд.
«Ха, пага чӣ? – мегӯд – Пага ҳамун майдон-ба мебейад-ма ин? – мегӯд – имрӯз йак дасту бозу карда дидем» – мегӯд.
Йакдигара мебейад, кайф, сафо, вадабанг. Рустам мерад мешинад, ғамгин мешад. Баад Завора гуфтагӣ йак ҷийанаш мешад. Баад ина мегӯд, ки:
«Ту да ҷои ман – мегӯд – сари либоси мана пӯш – худи Рустам-ба ӯхша мекундай ин – лекин ришата маълум накуну манаҳат-ба йак чиза ҳамтӯ гиру – мегӯд – Рахши мана гир. Муқобили ту мебуромадагӣ – мегӯд – душман – мегӯд – бисйор зӯр – мегӯд – лекин найрангаш нест – мегӯд – ан найранг гиру ах худад-дан зӯр эҳтийот шав» – мегӯд.
Ана пага ин бошад ҳамин ниқобкатӣ мебейад.
«Ҳе – мегӯд – дина йак дастата шикастодам имрӯз бо омади-ма йакдаста?» – мегӯд Барзу.
Ана баад ин Завора мебейаду аз ин нархаша напурсида:
«Ту да ман наслу насабата бунйод кун» – мегӯд
«Эээ, хааа, ту рӯбаста-ма – мегӯд – ҳеее Рустам йакдаста шуда рафту кийму Рахшаша да ту дода – мегӯд – имрӯз рӯбаста карда фурсонд-ма – мегӯд – эҳ-ҳе-ҳе!!! Ҳааааа!!! [ровӣ садояшро хеле баланд мекунад] – мегӯд – ана паҳлавони Рустама кораш.
Ҳаштод ман гурзийа дам сар айланмиш кунонда-кунонда, осмон-ба ҳав дода, фиреб дода, искирифта, ина заданӣ мешад. Ин ҳамин гурзӣ омда да гардани худаш лӯппӣ мезанад, ҷулини гардан-ба, «шилқӣ», а[з] асп меғалтад. Рустам инҷа-ба меистад, йана се ҷийанаш-ба чортеш-ба:
«Лағат кун!» – мегӯд.
«Ҳай уно».
«Лағат кун! – мегӯд – аз ин амон намейобӣ!».
Чор паҳлавони эронӣ ҳамтек тӯр мепартод. Тӯр партофта Барзуйа лағат карда мебарану:
«Бар ина бурда қамоқ-ба андоз» – мегӯд. Мебаран қамоқ-ба меандозан нархаша напурсида. Худи Рустам кӯҳи Ғӯрон-ба чил рӯз дасташа даво кардан барои мерад.

«Чилрӯза, ман кӯҳ-ба мерам, тамошо-ба – мегӯд – мана ун-ҷа тамошом ҳаст-ма?»
Намефаҳмонад. Барзуйа куллук кунда да инҷа ҳав метейад. Инҷа-ба йак Баҳроми карбосфурӯш буд. Ин карбос мефурӯхт, кӯча баровардa. Ина йак хуҳараш буд. Ҳамин дасташ-ба ғалтидагӣ, ман-ман гуфтагӣ одама, ду чатанаша ду медаронд. Баад уно мегӯд:
«Да ту-ба боварӣ дорем – мегӯд – ҳамин паҳлавона – мегӯд – йагон ире урӯ кунад, зӯрад мерасад, аз дастат мебейад. Лекин озуқ авоқоти ҳамина – мегӯд – ту метейӣ».
«Хӯб, ба ҷону дил».
Ҳаррӯза авқоти ина аварда, дода, мегардад. Ину вай карда, ха мешинад. Баад йак рӯз ҳамтуууу карда шиштагӣ маҳал-ба...
Ана акун гапа пурсед аз Турконхотун.
Ҳама (сарбозон) гашта мебейад, сару рӯи чӯбхӯрда. [Турконхотун мепурсад]:
«Ҳа бачем чӣ шуд, бачем чӣ шуд, бачем чӣ шуд?»
Оча-де. Баад, ана ино мегӯд:
«Бачет намурдай, ҳиччӣ нашуд, қамоқ-ба ғалтид».
«Ааа? – мегӯд – чутӯ ранӣ (маҷрӯҳ) шуд-ма?»
«Нeee – мегӯд – гурзи худаш да гарданаш заду ғалтид, эрониҳо баста гиртан, қамоқ кардан. Ана баад оча мегӯд:
«Худо-ба шукур қамоқ-ба бошад. Йак роҳ йофтанам мумкин» – мегӯд.
Ана модари Барзуйа бинед-де доногеша. Йак роҳ йофтан мумкину гуфта ҷим мешад. Ҳамин бозор-ба худаш мебурод. Бозори асп-ба. Ҳаминҷа-ба, ҳамин тарафи Бойсун бозори аспа худаш аст. Ҳамин йак бурҷ-ба шишта, дарни бозор намедарод, йакрӯ мешинад. Баад, атрофиҳо, одам мешад, баад мегӯд:
«Ман – мегӯд –йак аспа сайла кунам, шумоҳон – мегӯд – ҳамина да ман гирта тетон».
Йак ҷо-ба йак аспи кабуд. Гули Бодом, лекин хориш, лоғар:
«Ҳамин аспа – мегӯд – да ман гирта тетон».
Баад ин одамо мегӯд:
«О, бека – мегӯд – ин аспа чӣ мекунед?»
«Ҳей – мегӯд – йак… нeee – мегӯд – ҳамина гирта тетон – мегӯд – дигар асп да ман даркор не».
Аспои нағзи унчӣ буд. Баад одамо: «э ҳаминам асп будай?» – мегӯд. Ҳемирӣ-ба, ина мегираду метейад. Баад гуфт, Ки:
«Мана гиред, чанд пул гирад, гирад».

Оварда йак охур-ба ҷав, йак охур-ба тарбуз, харбуза, бодиринг, ҳандалак ҳамин рехта мемонад. Ана ина монда йак чуқот бонӣ мекунад. Асп манаҳамта [ровӣ ба маънии хуб нарангушташро нишон медиҳад] мешад, тип-тик мешад. Чор паҳлавони асптози найзазани қиличбадасти ҳамин гурзипаррона мейобад. Баад мегӯд:
«Аспа хунук кунетон. Вақти хунук кундан, машқ кунда, маъмус кунетон. Мӯлеш – мегӯд – а об гузаштана йод тетон асп-ба».
«Хӯб» – мегӯд.
Ана ино ад дарйо гузиштан, аспа ҷийистан, тозондан ҳамин хунук мекунан аспа, йод метейан. Ана баад сару либос ину вай, ҷулу-ҷабир карда, аспа, йак рӯз ана ин бошад, Турконхотун йак шабакӣ сару либосаша дигар карда, йак марди қаландар-ба шуда, дасташ-ба йак найза гирта, менаш-ба ат таҳ қилич баста, «йо ҳу йо манҳу!» гуфта, Тирмиз ниго кунда ҷӯна мекунад. Ана ҳамин ад дарйои Аму рафта, тӯғри рафта, ҳамта аспа дарйо-ба меандозад. Асп манаҳамта талпинмиш карда, талпинмиш карда, талпинмиш карда, изангийа да қоши зин меайезад, ина урӯ мебурорад. Ха, аспа сор шуда бемалол Эрон-ба даромда мерад. Йак зан-де, ина йак гадой мегӯн. Унҷа мераду эрейа мебинад, урӯйа мебинад, йаздони пока иродеш катӣ тӯғри пеши ҳамин дӯкони Баҳроми карбосфурӯш-ба мерад. Баад мегӯд ки:
«Ҳей конӣ, қаландар – мегӯд – чӣ мехоҳӣ? Ак кадомаш, алачеш тейам-ма, карбосаш тейам-ма».
Баад вай инта [бо ишорати даст «биёро» мефаҳмонад] мекунад:
«Инҷа бед – мегӯд – ман мусофир» – мегӯд.
«Мусофир, чи-ба да ин-ҷа?»
«Ман-ба – мегӯд – ҳамин шаб ҷой бошад – мегӯд – ҳар чӣ хоҳад чанд пулӣ гирад метейам – мегӯд – аспам ҳаст, худам ҳастам» – мегӯд.
«Хуб-хуб-хуб, ба ҷони дил – мегӯд – ба ҷони дил».
Ин ҳамин вахт, ҳоланки Турконхотун йак тиллойа да ҳоланки метейад, Баҳроми карбосфурӯш-ба. Умраш-ба ин шӯр худаш йак тиллойа гиртагӣ не. Ҳамту мебинаду:
«Ӯ ман ина қаландар, гадо гӯйам ин да ман тилло досай – мегӯд –, ӯ мегӯд ин инта не».
Илачила ина пешвоз гирифта:
«Ина, ҳа бед акун»
«Не, гиред ина акун – мегӯд – ҳадйа да шумо – мегӯд – ам ман ҳадйа».
Хонеш мебарад. [Шунаванда: вайа хонеш мебарад-а? Ровӣ: ҳа хонеш мебарад].

Ину хуҳараш, йак-ду бега, сейум бега-ба дутеш дугона мешад. Ана баат Баҳром мефаҳмад, ки ин заифа будай. «Эээ – мегӯд – эээ». Ана баат Баҳром мегӯд ки:
“Ин шаҳзода, ин – мегӯд – бечо не, ман-ба йак тилло дод. Ин заифа да ниқоби қаландар шуда омдагӣ”.
Баат дутеш дугона мешад, хуҳари ин катӣ. Дугона мешаду баат:
«Ана, дугона ин буд, вай буд, инта буд, унта буд» – мегӯд.
Гурунг дутеш. Ҳамин шабо гурунг:
«Ҳамин ман зиқ мондам, йак мусофир будам, инта будам, унта будам».
Ана баат йак рӯз ҳамин йак шаб инта гурунг кунда мешинад, ки ин Баҳроми карбосфурӯша хуҳараша да дасташ йак нигин мешад. Нигина чашмаш намешад, бечашм. Пӯк, камтар пучак.
«Дугона – мегӯд – ҳаминам гирта гаштӣ-ма?» – мегӯд.
«Ҳааа, чи ко(р) кунам – мегӯд – ҳамта йак дастам-ба, йак ҳалола» – мегӯд.
«Майед – мегӯд – мана ина андозед – мегӯд – партойед урӯ!»
«Э нейе».
«Гиред! Гиред! Гиред! Ина андозед» – мегӯд.
Нигини худаша да дасти ин андохта метейад. Ҳайрооооон мемонад. Ха, дасташ-ба меандозад. Э ҳаааа! [Нигина] чашмаш алав гирсай, ҳамтаринг, нигин. Ана пага бо мераду йак чуқот дам назда мешинад. Ана инҷа Турконхотун йаздони пок-ба таваҷҷӯҳ кунда мегирйад:
«Э худо, корама аз рост те, акун – мегӯд – мани ғариба» – мегӯд.
Ин ҳамин нигина доданаш беҷиз набуд, нигина бачеш мешинохт. Турконхотуна ҳамун дасташдагӣ нигина, бачеш мешинохт. Ҳамин бурда авқот дод. Қоти панҷара-ба ҳамтӯ меискират.
«Чӣ-ба дасти мана мебинӣ?» – мегӯд.
«Шумо-ба йак илтимос – мегӯд – ин нигина кӣ дод да шумо? – мегӯд.
«Э корат чӣ» – мегӯд.
«Авқот намегирам – мегӯд – баред, авқотатона. Кӣ дод, гӯйед» – мегӯд.
Баат ана:
«Ҳа, ана хонемо-ба акем катӣ йак зан омдодай, дутемо дугона шудем, ана шиштай, ана ҳавай дугона шудем, баат дод».
«Чӣ мешад ки – мегӯд – ҳамун заифа-ба – мегӯд – ам ман салом гӯйед».
Ана ин Барзуйа да ин афту андомаш, да ин сиришташ ҳамин занака худаш ошуқ шуда гаштодай.

«Ина чутӯ кунам, чӣ мешад» – гуфта.
Баад мегӯд ки:
«Вай чийад?» – мегӯд.
«Равед – мегӯд – ам ман салом гӯед, баат мефаҳмед».
А ин бега мебейад, тамоман дигар, ире урӯйа ороста кунда, баад мегӯд ки:
«Ин нигина додед – мегӯд – қамоқ-ба хорафтагӣ ам Эронзамин йак кас омадо[х]од, а ҳамунрӯ – мегӯд – ҳамин ана унчи карда – мегӯд – Афросийоб подшоҳ – мегӯд – мамлакати Эронзамин-ба – мегӯд – омада баат банд-ба гиртоден – мегӯд – ҳамин нигина дида – мегӯд – соҳиби ҳамин нигин-ба, да ман, салом гӯйед, ин ани шумо не гуфта – мегӯд – мана бисйор изтироб кард».
Ана ин модар-де йуммӣ мегийрад. Баат:
«О шумойа гардам, о чӣ шуд, о дугона, о инта шуд, о нагийред».
«Эҳеее!» – мегӯд.
Баат да бағалаш мегирад калли вайа.
«Писари ман ҳавай – мегӯд – йактайу йакта, ҳавай писари ман. Хонасӯхта Афросийоб аварда да доми – мегӯд – ана Рустам додагӣ – мегӯд – ана ҳамин хел – мегӯд. Чӣ мешад, ки – мегӯд – мана ина гиред, даҳ тилло метейад, тилло. Даҳ дона тилло метейад – ина гиред – мегӯд – ҳамин-ба ду дона эгав бурда тед – мегӯд – дигар ҳиччӣ – мегӯд – ман намерам унча – мегӯд – йагон кас пай мебарад, мефаҳмад. Ҳамин ғӯлу кишанойи дасту поша во кунад. Сарҳанга ҳамта во мекунад анамқата тилло, мана – мегӯд – чӣ қадар даркор бошад. Ҳадйаи писарам – мегӯд – ман ад дидори ҳамин бенасиб нашавам» – мегӯд.
Ана ин мешад, вай мешад, нағз дидагеш мешад, ана ин пул мешад, ин мераду ду дона эгава оварда да ин метейад. Ду дона эгав чи меистад, йак танга, йо ду танга намеистад. Даҳ тиллойа да кисса мезанад, ана пага бурда Барзу-ба метейад, э нону гӯшту ину вайу эгаву. Ана баад йак нав карда Барзу ҳамин дасташа во мекунад. Дасташа во карда, поша кишанаша во карда, соз карда, унчӣ карда, дар путун темир, ҳамина ҳамин шаб арра мекунад, эгав катӣ. Арра карда, йакчуқот ҳамин йак арра кунда эреша во кунда, ӯрӯша йак мекашад, қақра кунонда ҳав метейад. Ҳоланки занака мегираду мебурод.
«Ту акнун инча-ба наист – мегӯд – боргоҳи ин-ба – мегӯд – туйа ино – мегӯд – ҳар кор мекунад – мегӯд – ту худам катӣ гард» – мегӯд.
Пеши очеш гирта мебейад. Ҳа, оча баромда, ҳамин оча-бача гирйаву нолайу ину вайу оча даррав тапутез мекунад, ҳоланки аспа мегирад.

«Аспа сор шав бачем – мегӯд – тез аз инҷа буромда бадар канем» – мегӯд.
Кӯча мебурод, раҳ-ба мебинад, ки Завора гуфтагӣ йак додари Рустам омасодай. Аз кӯҳи Ғӯрон фуромда.
«Э инҷа бе» – мегӯд.
«Ҳа» – мегӯд.
«Ту инҷа ист» – мегӯд.
Ҳоланки мебинад, дилаш мекафад.
«Рустама ак куҷо йобам мешад?» – мегӯд.
«Рустам ҳамин кӯҳи Ғӯрон-ба» – мегӯд.
«Ар раҳат пас гард» – мегӯд – агар ҷон даркор бошад – мегӯд – зуд рафта Рустама ҳаминҷа гирта мебейӣ» – мегӯд.
Баъд очеш мегӯд ки:
«Ҳа балам, хокам бехт (ман тамом шудам), рӯм сийо шуд, вай ганда, вай унта туйа даст мегирад».
«Эй модари азиз – мегӯд – таваккал да йаздони пок – мегӯд – ҳамта рафтан номардӣ мешад – мегӯд – мана дар майдон вай ҷанг карда нагирифтай, гурзем да гарданам зада мана гиртагӣ – мегӯд. Ҳамту – мегӯд – вайа, унчӣ кардагӣ, номардӣ мешад – мегӯд – ман вай катӣ – мегӯд – дида, дасту бозу карда – мегӯд – вай катӣ баҳад рафтанам даркор, мардигарӣ».
Даррав ино хайма мезанан. Йак чодур мезанан ҳолангӣ занак, очеш ин. Йак чилта паҳлавон катӣ Рустам мебейад-е. Мебейад, мебинад. Ҳиччӣ намегӯд. «Туйа кӣ сар додам» намегӯд; «кӣ ҷавоб додам» намегӯд. Ҳамеша мефаҳмад:
«Зан кардай ин кора – мегӯд – ин ҳамин кори зан – мегӯд – ман чилрӯза мӯҳлат дорам – мегӯд – чилрӯза мӯҳлатам, машқама тамом кунам, ман ту катӣ омда дасту бозу мекунам» – мегӯд.
«То чилрӯза ман чӣ мехӯрам?» – гуфт.
«Ту-ба аз боргоҳ мерасонем» – гуфт.
Баад ҳамин катӣ Заворайа мегирад:
«То чил рӯза – мегӯд – ту-ба ҳаррӯза авқота ҳамин оварда метейад» – мегӯд.
«Хӯб» – мегӯд.
«Шумор» – мегӯд.
Рустам мебуроду мерад. Рустама ин ҳаракату унчеша очеш дида мегӯд, ки:
«Ӯӯӯ балам, о ин…».

«Ҳеее оча, парво накун – мегӯд – ман номардӣ намекунам – мегӯд – раҳи ҳақ-ба мурдан даркор, ҳаромзодагӣ, номардӣ кардан ин кори мард нест» – мегӯд.
Очеш баад таққӣ мемонад. Анакун Баҳроми карбосфурӯша ҳамун хуҳараша ҳаминҷа-ба Барзу гиртагӣ ҳисоб мешад, ба занигарӣ қабул карда. Ҳӯ вайа аввал озод кард, гирифт. Ҷуфти поки худаш ҳисоб мекунад.
Ҳаррӯза авқот меберад, меберад. Йак рӯз ин ҳамин Завора:
«Ээ укеш мурад – мегӯд – йак падарналата инҷа бонӣ кунда мегардем-ма – мегӯд – балои ҷон – мегӯд – ҳаррӯза ҳамин» – мегӯд.
Йак табақ авқоти оварсодагеш-ба, кӯлобитӯппа меберад. Нисфирӯзӣ, рӯз гарм. Рӯған, ҷурғотнок ҳамин кӯлобитӯппайа бардошта омсоҳод, табақи калон-ба, дарни ҳамин-ба заҳар мепошад. Ҳамта меберад, ки ҷурғота рангаш дигар шудай. Ҳамин гирта мехӯрем гуфсоҳод, ҳоланки Турконхотун мегӯд ки:
«Э истӣ-истӣ-истӣ, бачем истику накоб-накоб, мурам да ту, ин заҳар дорад – мегӯд – заҳар дорад, ҳайло ҷурғота рангаш дигар шудагӣ» – мегӯд.
Ҳамта доно будагӣ. Ана доногии зан. Ҷурғота рангаш саҳал дигар шудагӣ-де. Инта-инта кунда рӯш-ба пошидагӣ-де. Йак парчайа мегираду пеши кучук ҳав метийад. Кучук мехӯраду ҳамун замон мемурад. Ана баад менавсад-де. Менавсад, ки йак бора сараш-ба мегӯд:
«Наълат ба ту паҳлавон – мегӯд Барзу – ор надорӣ, номус надорӣ ту хирадмандӣ кардан-ба чӣ ҷуръат дорӣ – мегӯд – дар майдони ҷанг мана нагиртӣ, гурзи худам да гарданам зад, ғалтидам чор кас шуда мана баста гиртӣ. Имрӯз – мегӯд – ман-ба заҳар дода, ту куштанӣ ҳастӣ? На ин ки мурдани ман – мегӯд – то даври қийомат ин насақ аз ту намерад! Аз наслу насабад, кӣ ту? Ҷаҳон-ба ту, да даҳани ту-ба, худи ту, ҳамма ҷаҳона халқаш-ба, даҳанаш-ба ту. Ту ман-ба дорӣ дода куштанӣ шусодӣ».
Ана аз ин баад Рустам ин хата мехонад, Заворайа ҷанг мекунад, мезанад:
«Лаънатӣ – мегӯд – дар моҳон лаънат овардӣ» – мегӯд.
Ана мардигарийа бинед, ки то ҳаминҷайа бист рӯзи дигар Рустама худаш авқот оварда метейад. Ҳатто дар ҳаминҷа оварда, авқота йак аралиш карда, йак пар худаш хӯрда қулуқ карда, пеши ин монда баҳад мерад, худи Рустам.

«Йагон кас берад бовар накун – мегӯд – ман худам да ту авқот меберам – мегӯд, ки – да мо испод оварден».
Ана баад аз ин бид мешад кор. Йак рӯз майдонорогӣ мекунан ино, медарод майдон-ба, соз мешад. Ана баад ҳоланки Рустам катӣ гӯштинг мегирад. На қиличзанӣ, на найзазанӣ, на дигару. Паҳлавонӣ, гӯштинг мегирад. Ҳамин гӯштинг гирифта-гирифта йак чуқот ҳамин Барзу йакбора Рустама йак мебардорад. Ҳамта мегираду мана ҳамта қучоқ карда йак мебардорад.
«Ӯ паҳлавон! Палвон маъно сар дода-сар дода мегирад, майдона гирд гашта мегирад» – мегӯд.
«Ха, мана сар додем – мегӯд – мана сар додем» – мегӯду ду дасташа ҳамта мекунад-де [ровӣ бо ҳаракти дастонаш он ҳолатро нишон медиҳад].
Ҳамин Рустам йакбора қучоқ кунда мебардораду да замин гирта мезанад. Гирта зада инбайам ханҷар заданӣ мешад. Ҳамин йак чуқот ҳоланки Турконхотун:
«Ай писаркуш! – мегӯд – писарата куштодӣ, небаретам мекушӣ-ма?» – мегӯд.
Ҳамин ханҷара ҳоли нагирифтай, ҳамта гиртоод… Аб болои Барзу намефурод.
«А?!» – мегӯд.
Гардонда:
«Ту писарата Сӯҳроба куштодӣ, небарет, ин Барзу – мегӯд – инам мекушӣ-ма?» – мегӯд.
«Небарем?! Барзу?!»
«Ҳамин – мегӯд – ҳамун! Ҳамун Сӯҳроба писараш ҳамин» – мегӯд.
«Ту кӣ?!» – мегӯд.
«Ман, Турконхотун. Ман аз туркҳо мешам – мегӯд – очи ҳамин мешам».
«Бо чӣ исбот мекунӣ?!» – мегӯд санг-ба силоҳ зада.
«Мана!» – мегӯд ҳамин нигина нишон метейад.
Мебинад, ки ҳаққатан зарби паҳлавӣ, нигин-ба.
«Э воҳ!»
Аҷ ҷо мехезад. Бобо набера дутеш гийриста, нолида, қӯйма-қучоқ:
«Қанатам будӣ, қуватам будӣ, ҷонам будӣ, кӯтпарам будӣ. Ана ин душмано ҳамта кард, Афросийоб» – гуфта, гийриста, нолида, унчӣ мекунад.
Пирони Геса:
«Ӯ Афросийоб!» – мегӯд.

«Ҳа».
«Хонемо сӯхт» – мегӯд.
«Шин» – мегӯд.
«Бобо набера, вайа бин, қӯйма қучоқ».
«О гӯштинг нагирсайку».
«Қӯйма-қучоқ шуда, гийрисай дутеш – мегӯд – шинохт– мегӯд».
«Тез аскаро-ба гӯ – мегӯд – аз дарйои Аму гузаштанӣ шавад, ки – мегӯд – ҳозир пар-пар мекунад моҳона» – мегӯд.
Ҳамин мамент-ба йакбора аз ҷош хеста, пошшоҳи Афросийоба лашкараш манаҳамта талотӯп-ба ғалтида ҷӯна мекунад. Ҷанг-панга майдонаша партофта, пас нигоҳ кунда... Вай эрониҳойа медонад-де, аз чор тараф гиртан баад, Аму-ба оварда метиқонад. Рустам инойа гурехтанаша дид.
«Бобо ино чӣ кунсай» – мегӯд.
«О уно – мегӯд – моҳон дутемо бо йофт шудем, уно гурехсай».
«О моҳон ниго кунда мешинем-ма» – мегӯд.
«Чӣ мекунем?» – мегӯд.
«Гиред – мегӯд – аспа сор шавед».
Ана Рустам ай йак бурҷ Рахша сор мешад, ин аспи худаша сор мешад. А ҳамин занҳо зану, занҳо зану, занҳо зан! Ад дарйои Аму оварда мегузаронан. Ин ҳамин мамент-ба, даҳ ҳазор лашкар аз тарафи Ҳиндустону Хитой Афросийоб-ба омдодай. Рустам ҳамина зада мерӯбад, йакнуга урӯ нигоҳ кунонда. Ана аскари худи Афросийоба Барзу зада ире мерӯбад. Ҳафтоду ду ҷош йарадор мешавад, Барзуйа. Ахираш-ба илоҷаш намерасад, аскар куҷо мерад, дигар мекунад, ҳамин аспа қоши зинаша ҳамта қӯлтуқ карда, йакбора ин куҷо рафтани аспа намедонад. Ана асп чарида-чарида-чарида, гушна, ташна гурехта омада, лаблаби йак дарйо омада-омада-омада, йак тайи йак боғ-ба, йак ҷо-ба каллеша хам карда мечарам мегӯду… беҳуш шуда, аг гушнагийа, ҳамин Барзу ҳамунҷа-ба, дам сараки роҳ, а асп меғалтад.
Анаку, «худо ба шумо йош тейад гуфта», ана ин бошад, ҳоланки ин боғ, боғи духтари подшоҳи Фаранг будай. Ина йак духтараш будай, номи ина Фарангибону мегуфтен. Чил канизаш катӣ ҳамин лаби дарйо-ба омада, маст мустағнӣ ҳаминҷа-ба карнайу сурнай карда, шишта, ин ҳамин кайфу сафо карда шиштодай. Баад аврӯ [як каниз] мебейад:
«Ибиии! Бибиҷон! – мегӯд [ровӣ чапак мезанад].
«Ҳа».

«Э – мегӯд – ана унчa этаки бағамо-ба йак йигит хорафтай – мегӯд – хуну хок-ба чӯлидагӣ – мегӯд – пешаш-ба йак асп, урӯ мерад мебейад, ире мерад мебейад, лаби дарйо-ба».
«Да кучо?!» – мегӯд.
«Ҳай унча-ба».
«Рафта гирта бетон» – мегӯд – аспашам худашам» – мегӯд.
А инча одам мефармон меран ҳоланки духтар нишон метейад. Ду-се кас аспам меберан Барзуйам. Барзу ҳамтӯ мебинад духтари пошшо Фарангибонуйу ин ҳамин ишқи Барзу-ба меғалтад ин.
«Оббозӣ кунонетон – мегӯд – ина чароҳатоша бинетон» – мегӯд. Даррав дорию дармон, ину вай мекунад. Ҳамин кайфу сафо чил шабона рӯз мегузарад, да инча духтари пошшо катӣ. Ана баад йак рӯз ин-ча мешинан. Дарни ин-ба ҳамин йак Оқилақиз гуфтагӣ йак духтар будай. Очи ина зӯр сеҳргар, чодугар, мастонкампир мегуфтен. Ин ҳамин боргоҳи пошшо-ба даромада, буромада мегаштай.
Ин ҳамин унчи мекунаду йакчуқот чутӯ шуда, ин ҳамин духтари подшоҳ-ба наздик мегардад-де. Ана ина йакта-нимта ире урӯдагиҳо дида наметонаду ҳамин авқоти касалӣ-ба йак чангол намака оварда ҳамта меандозад. [Шунавандае: Йак чангол чийа?] Намак. Намака, йак чангола, йакдан. Ана авқота гирта меран, ки шӯри қимоб. Баад духтари пошшо мебараду мегӯд:
«Йо қиз, ҳамин йигита – мегӯд – ман парвариш кардам, дида натонистӣ» – мегӯд .
Ин ҳамин болои бом мешад.
«Ҳа, не. Инта-унта» – мегӯд.
«Лаънат ба ту– мегӯд – ҳамқата мағзи илики мана хӯрда – мегӯд – ҳамин-ба ҳамтаринг карда – мегӯд – авқоти шӯру қимоб кунда бейи» – мегӯд.
Ҳамин паси дасташ кати йакта мезанад, духтари пошшо Оққиза. Ин ҳамин будрамиш карда, аб боми боло парида да замин мезанад-е. Ванг- вунг гийриста нолида, пеши очеш мерад.
«Ҳа» – мегӯд.
«Анамин йак йигита йофта омад – мегӯд –хун-ба оббозӣ кунда омдоод, анамин кати кайфу сафо, айшу ишрат карда шиштай – мегӯд – анамин – мегӯд – оварда – мегӯд – мана – мегӯд – авқот-ба ман намак наандохтем, кӣ андохтай? Напурсида, намонда шӯр кардӣ гуфта – мегӯд – мана зад – мегӯд – аб бом тела дода фурсонд».
Очеш мегӯд, ки:
«Рост ҳамин гапат?»

«Ман дурӯғ гуфта тентак шудем-ма? – мегӯд – мана ман ғалтидам, менам шикист, пом шикист, дастам шикист ана ҳамтаринг шудам». Баад очеш омда мепурсад аз духтаро. Баад духтарам болош-ба мӯл гапойа бор кунда-бор кунда, баад оста-оста пеши пошшо мебейад. Пеши пошшо-ба андак-мундак одам омда наметонад-де. А ин кампирак, ҷодугар, ин пошшо-ба-йам зарур кас будай, медарод. Баад мегӯд, ки:
«Шумо а ҳама холӣ шавед» – мегӯд.
«Ҳа?» – мегӯд.
«Йак кор ҳаст– мегӯд, мегирйад, менолад – балотона гирам, дардатона гирам, шоҳи олам пушти паном, тоҷи сарам шумо – мегӯд. – Ман – мегӯд – аз ваҳми наҳру наҳанги шумо пеши шумо-ба омадам».
Пошшо ҳайрон мемонад:
«Дар ман – мегӯд – эй модари бузург, чӣ наҳр?»
«Духтаратон – мегӯд – йак эронбачайа оварда, тарбийа кунда гаштай – мегӯд – чил шабонарӯз бозай – мегӯд – бега ана йак авқоташ шӯр шудай духтари мана аб болои бом гирта ҳав додай» – мегӯд.
«А-а? – мегӯд – а?» – мегӯд.
Ана аз ин йакчуқот бошад ҳашсад каса таййор мекунад:
«Рафта мегӯд, гирди ҳамин, қӯрғони ҳамина – мегӯд – ҳамта ду қабат, се қабат гиретон, ки – мегӯд – берун баромда натонад. Мумкин ин бача мегурезад. Вай аз Эрон омадагӣ бошад, унтаринго аннойи одам не – мегӯд – андак-мундаката нест карда мегурезад».
Ана йакчуқот шақар-шақар-шақар-шақар-шақар Фарангибону-ба мегӯд:
«Йо роҳати ҷон, ин чӣ гап? Ҳе – мегӯд – ҳамин шишту кайфу сафои дутемойа дида натониста – мегӯд – Оққиз рафта очеш-ба гуфтай, очеш додом-ба гуфтай. Ҳашсад кас гирдамойа часпа кард» – гуфт.
«Ҳа» – мегӯд.
«Бале, ҳашсад кас. Чӣ мекунем – мегӯд. – Меискирад моҳона дор-ба меовезад» – мегӯд.
«Ҳе, аспу қиличу найзи ман да куҷо?» – мегӯд.
«Инҷа неее» – мегӯд.
«Э! Инҷа не-ма?! – мегӯд.
«Не, ман дода фурсондодам».
Баад Барзу:
«Ӯӯӯ, хӯб! Дилатон ҷамъ бошад».

Мехезад, ире урӯ ниго мекунад. Ҳамтаву тайи дарвоза-ба ҳамта рафта меистад, Барзу. Дарвоза маҳкам. Ана омада, йак сарлашкари Фарангпошшо омада, ҳамин дарвозайа зада, майда кунда, дарун медарод-де. Ҳамтаки даромад, ҳамта мегирад, да замин мезанад, найзешам мегирад, қалқонашам мегирад, киймошам мегирад, аспашам мегирад, ҳамин занҳо-зан. Дами соат-ба не, фавран урӯш мегурезад! Ҳафт шабонарӯз ҳамин дарни қӯрғон-ба ҷанг мешад. Йак худи Барзу катӣ. Омадагийа ад дарвоза даромданӣ намемонад. Ахираш-ба Барзу тири ғайбуй мехӯрад. Ак куҷо, ки йак мерган тир катӣ ҳамина мезанад. Йарадор мешад, ҳамин тарафаш [бо дасташ ба ҷои захмишуда, китфаш, ишорат мекунад, гӯё ки бевосита дида бошад]. Аз йак тарафаш ӯғ омда мезанад, йарадор мешад. Чарча карда «ширқӣ» меғалтад, дарни ҳамин қӯрғон-ба. Буромда наметонад. Ана баад пошшо ина меискирад. Пошшо ина меискираду соз карда, баста, куллуг карда, бурда баад одамош катӣ гурунг карда, баад мегӯд ки:

«Канӣ ту ак куҷо?»

«Ҳа ман аз Эрон» – тӯғреша мегӯд.

«Э? А Эрон?»

«Ту чутӯ шудӣ?»

«Ҳа ман ҳамтӯ».

«Чӣ хел инта омадӣ?»

«Ҳа ман ҷанг карда, ҷанг карда лашкари Афросийоб катӣ ад дарйо ире гузаштему йарадор шудем, ҳафтод ҷому ана аспам ҳаминҷа авардай. Бону мана дарун дароварда парвариш кардан».

«Ту Фарангибонуйа ба занигарӣ қабул мекунӣ?»

Баад вай гуфт ки:

«Агар шумо розӣ бошед, оре!»

Баад мегӯд, ки:

«Ман розӣ мешам. Дини мазҳаби мойа қабул мекунӣ?»

Барзу мегӯд, ки:

«Не, ман дини мазҳаби шумойа қабул намекунам. Ман ба йаздони пок итоат мекунам. Бобом да ман ҳамта таълим дод».

«Э бобод кӣ?»

«Рустами достон».

«Рустами пӯлоддаст? Эронӣ?»

«Оре!»

«О ту чийаш мешӣ?»

«Небареш мешам».

«Ӯ бача дини мазҳаби мойа қабул кун, Фарангибону азони ту, кӯшку аййом азони ту, лашкари мо азони ту».
Баад Барзу мегӯд ки:
«Не».
«Баред ина бурда – мегӯд – зиндон-ба андозед».
Баад инҷа маслиҳат мекунан, магар мегӯд зиндон-ба андозем ину вай кунем аҷаб не, ки розӣ шавад. Баад ина зиндон-ба меандозан. Фарангибону ин-ба ҳаррӯза бурда, шабакӣ, зиндон-ба нон метейад. Хай нон метейад ире мекунад, урӯ мекунад, мегардад. Йак рӯз бошад, шаш маҳ буд, чил рӯз мемонад. Баад оста-оста кӯча мебурод. Дар сараш йак лиқоба кашида, рӯш-ба, инта чиммат-чодир гирта мебуроду йак ҷо-ба мешинад, ки йак чор қаландар маддоҳӣ карда шиштай. Баад интӯ мерад, мегӯд:
«Шумо[х]он ак куҷо?»
«Ҳа, чӣ шуд, чӣ мегӯйӣ да мо?»
«Э оре – мегӯд – шумо[х]он ак куҷо?»
«Моҳон аз Эронзамин».
«Эронзамин-ба чӣ гап ҳаст?»
«Ҳее, Эронзамина напурс – мегӯд – ҳа – мегӯд – чӣ корат ҳаст?» – мегӯд.
«Не мепурсам-де – мегӯд – ҳамта мепурсам. Чӣ гап ҳаст?»
«Эее – мегӯд – йактеш, мон… мана инта ҳамун…»
«Шинетон-шинетон – мегӯд ҳоланки чор тиллойа буроварда ҳамту метейад, чортеш-ба. – Ҳамин рӯзан-ки гадоийу ганҷи кардагетон ҳамин-ба баробар намебейад, гапи ман-ба ҷавоб тетон» – мегӯд.
Чор тиллойа дида, инойа ҳуш аз сараш меканад.
«Э ин – мегӯд – беҷиз не».
«Хӯб гап занед» – мегӯд.
«Эронзамин-ба ҳамин Рустами достон буд, небари ҳамин Барзуи деҳқон мегуфтан, ҳамин банд-ба ғалтида куҷо рафтагӣ, мурдагӣ-ма, зиндагӣ-ма номаълум. Рустам чил зина таҳ-ба, болои бӯрйо-ба об зада кӯкракаша да нам партофта «во балам!» гуфта хорафтай. Бачеш Сӯҳроба кушта буд. Ана ин небареш ад доми Афросийоб ҷудо кунда гирта буд, анамин куҷо буданаша намедонад».
Баад дасташ-ба йак ҳамйон.
«Мана ин – мегӯд – ҳамйон; мана ин – мегӯд – хат – чил рӯз мондагӣ мӯҳлати ҳамин небареш-ба – мегӯд – зуд расонед бо мондагӣ мукофота ман метейам».

Аҳ ҳамин ҳоланкийа дутеш ҳаминҷа мемонад, дутеш баробар чунон раҳ-ба метозад, ки табонаш ак кунаш канда намешад. Метозад! Унҷа рафта Рустама кобо-коб мекунан. Ҳа ана хорафтай. Пеши Рустам медарону:
«Ҳа, инта буд…»
«Не-не медароем – мегӯд – моҳон-ба худи Рустам даркор».
Баад пеши Рустам медарон. Рустам хорафтай болойи йак бӯрйо-ба, чил зина тайи замин-ба.
Баад мегӯд:
«Йо паҳлавон! Йо ҷаҳонмард! Хезед!»
«Ҳа».
«Ба шумо муборакбод».
«Э, бачема худам кушшам, небарема гум кунам, доғи вай-ба восӯхт шуда хоравам, чийа муборак мекунӣ ман-ба, ахмоқ – мегӯд – ту далду-мӣ, тентак-мӣ, чӣ?» – мегӯд.
«Ҳее, – мегӯд – хезед-хезед. Мана ин хат – мегӯд – а небаретон. А ҳамун небаретон йофтагӣ зан, а ҳамун келиншавандетон. Ана дар шаҳри Фарангпошшо – мегӯд – Фарангибону гуфтагӣ духтараша да тайи дасти ҳамин – мегӯд – да даст ғалтидай, чил рӯз монд, гуфт – мегӯд – дар мурданаш, мана мо аранг инҷа-ба пийода расида омдем».
Мӯҳлата мебинан, мӯҳлата худаш дувоздаҳрӯз-ма, сезда рӯз мондай, ач чил рӯз. Рустам ҳамтӯӯӯӯ ниго кард. Заворайу-паворайу балойу батару ҷийанаша мегӯд:
«Тез даҳ ҳазор лашкара гирта ап паси ман мекашӣ – мегӯд – ман рафтам» – мегӯд.
Ҳамин Рахша мезанад, да ҷонаш ниго накунда; шаҳри Фарангибону-ба нигоҳ кунда. Анакун Рустам омадан мегирад. Ҳамин рӯз Сӯҳроба [=Барзуйа] анакун майдон-ба мебурoран, аз баройи авехтан.
[Шунаванда: Барзуйа].
Барзуйа! Барзуйа мебурoран, йаъне қабул намекунад дину мазҳаби инойа. Ҳамун йаздонпарастӣ шуда меистад. Ана баҳад пошшо мегӯд, ки:
«То ман омдана йагон кас – мегӯд – тир напаронад ин – мегӯд – йаккаву йагона йак духтари мана йофтай – мегӯд – ба дини мазҳаби мо надаромада – мегӯд – ман-ба йак насақа зийод кард – мегӯд – йакум ин бадбахта – мегӯд – ман худам парронда куштанам даркор».
«Хӯб».

Пошшо ҳамта гуфтан баҳад «кӣ?» мегӯд. Ҳама мешинад. Ана пошшо ҳаминҷа-ба ҳайал мекунад, ҷӯра [ҷӯра=мuроҷиат ба шунаванда]. Ҳамин саҳар катӣ боргоҳ-ба даромадагӣ пошшо то намоздигара буромада наметонад. То намози асра. Ана баҳад намоздигарӣ мебурод, ки офтоб ҳамире рафта шӯълааа дода, аз намоздигар баландтар, кеч пешин бевахт шуда истодан-ба ана мебийан, тақар-туқур, шақур-шуқур бо ину вай мегӯд. Қасам, қабул намекунад. Болойи дор мебурону чашми ина во мекунан. Чашмаш бастагӣ будай. Ҷаҳона йак бинад, ире-урӯйа, шотим қабул кунад. Ана ин йак чуқот ҳамин ире ӯрӯйа мебинад, чор бурҷа мебинад, чашмаш йак чуқот чӯл-ба меғалтад. Ҳамин пойона нигоҳ мекунад, ки ҳамин чӯл, ҳамин йак чиз омсай. Ҳар йак мижгон задан-ба сад митр, дусад митр пеш омсай калон шуда. Йарқ-йарқ-йарқ карсай.

Ина дида ҳамин Рахши Рустам да эсаш мебейад. Таваккалӣ хо бошад, хо набошад чӣ гуфта, «ҳамин бобом набошад дигар ҳишки не». А ҳамин болойи ҳамин дор, ап пишти дор, болойи баланди дор, аҳ ҳамин-ҷа: «species бобоҷон!» гуфта, чиррас мезанад. Ҳамин чирраси Барзу гӯши Рустам-ба мерасад. «Ваҳ!» мегӯд. Ҳамин ниго мекунад, Рахша чунон мезанад да мурданаш ниго накунда. Рахш худаш ҳамта об-ба ғӯтидагӣ, баданаш сип-сийо лой шудагӣ, чанг катӣ. Мобайни даҳ дақиқа нагузишта расида мебейад.

Нархаша напурсида майдон-ба омда, аввал дора мебуррад, қилич мезанад. Эҳааа! Рустама Рахшаш катӣ дидан замон одамо, тус-тӯпаланг мегурезан. Йагон кас ниго намекунад. Инаш да тайи по монсай, инаш сараш кафисай, инаш… Ин тойфеша мезанаду, небара унҷа кулук-де, болои дор-ба. Ҳамин небарайа аз ҳамин-ҷа қучоқ кунда мегирад. Ҳама гурезма-гурез катӣ! Ин бошад небара катӣ кӯришмишу гирйайу нолайу мӯчийу қучоқу ҳамтаринг карда, ана баҳад худаша рост гирифта, аз ҳаминҷа, ана баҳад йакчуқот бобо небара дутеш йак шуда, пошшои Фаранга, ба дини худошон, дину мазҳаб-ба гузаронда, мегирад.

Анакун пошшо гурехта рафта, боргоҳ-ба медарод. Рустам мегӯд: «Боргоҳ-ба даромада куҷо мерӣ – мегӯд – буро ире, туйа куштанӣ нестам, ғазо карданӣ нестем, фақат раҳ-ба даро, гап-ба даро, тамом». Баҳад мерад. Йак дарвозеш мешад. Ҳамун Фарангибону да ҳамон қалъа даромадагӣ будай, дарвоза. Акун ҳамунҷа-ба мегӯн ҳафтод ман будай ҳамина зулфаки дараш, балдоқаша меискирад-ку… ат тилло давондагӣ рӯш-ба. Ҳамин истодай ҷараққас. Ҳамин Рустам мераду

ҳамина йакбора мекашад-де! Ҳамин кашида, қақра кунонда, ире гирта ҳав метийад, худаш медарод. Фатҳ кунда инҷайам мегирад. Ана ҳамин катӣ пошшойа ҳаминҷа ахир мекушад. Пошшои Фаранг мусулмон намешад. Баад духтараш Фарангибону да дину мазҳаби ино даромда чил шабу чил рӯз тӯй карда, тамошо карда, Барзу-ба ина гирта метейад.
Ана баҳад ҳамин-ҷа Рустам… ҳамун моҳон-ба ҳолӣ йак рӯбинон мегӯн-ку… ҳамтаринг рӯбинонӣ-ба, баҳад Рустам пеши ҳамин келин-ба йак медарод. Таъзим мекунад. Келин аҷ ҷош мехезад, рӯша очиқ-алайно ап парда во кунда таъзим мекунад. Ҳаминҷи пешонеш-ба мана ҳамқата [ровӣ бо дасташ ба ҳаҷми доғ ишорат мекунад] йак доғ. Баҳад Рустам мегӯд, ки:
«Йо бону, дар ихтийори Барзуҷон истода шумо! Кӣ шумо-ба ситам карда, инҷетон-ба доғ пайдо кард. Ба ман гӯйед, ки то тухм ба тухмаш дар қабристон будагӣ мурдеша берин барорам».
Баҳад ҳолангӣ Фарангибону таъзим карда мегӯд, ки:
«Йо падари бузург! Ҳишкӣ да ман танбеъ накардааст. Вақте ки шумо аз занҷири дарвоза искирта кашидед, ман дар болои асп будам, аз асп парида рафтам, ҳамунҷа, ин ба зарби худатон шудагӣ ҷароҳат».
Баҳад ҳамунҷа Рустам мегӯд:
«Оре, мамлакат аз они шумо! Мана бахшед, ки ман пешони шумойа захмдор кардем».
Ана ҳамин катӣ, ҳамин Фарангибонуйа Барзу-ба гирта дода, бобо небара, дутеш ҳаминҷа.
«Ана қӯшша қаримиш кунетон» – гуфта, гашта баад Эронзамин монда рафтодай.
Ана ҷои вай Фарангибону-ба баад йак пошшойи дигар, ҳамун пошшои авваланкийа, Фарангибонуйа додоша ҷош-ба, йак бачеш-ма дигар-ма, дигар пошшо мемонану раҳи йаздон-ба даъват мекунан, ана ҳамин катӣ йакоб карда монда меран.

ДУО: Омин! Ва раббил оламин! Ба ҳар дарде давойӣ, ба ҳар ранҷе шифойӣ, аз ту кунем гадойӣ! Йо, Сайфулзулфиқоро!
Ҳар балойе, ҳар қазойе, ҳар вабойе, пеш ойад даф кун парвардигоро! Йо Воҳиддул қаҳҳор! Аз қаҳрат эмин дор, аз қаҳрат эмин дор, аз қаҳрат эмин дор! Ҷамъии наврасонро, ҷамъии хешу таборро, ҷамъии мулку ватан-ба будагӣ аҳли исломро дар панойи исматат ниго дор, дар панойи исматат ниго дор, дар панойи исматат ниго дор!

Ба рӯзи нек, ба фараҳмандӣ, даъват кун, эй худовандо! Йо ғаффорам вадуд, йо ғаффорам вадуд, йо ғаффорам вадуд! Ба фарйоди ҷумла аҳли мӯмин рас! Ба қатори онҳо моҳойи ғарибам ба фарйодамон рас! Дӯст-ба зор, душман-ба хор, номард-ба мӯҳтоҷ накун худойо! Облоҳу акбар!

Р: — Ҳамин бобои мулломам, ҳамин хел карда мегуфтан-ма, шумо барин овозашона баланд карда, вай карда? Киҳо ҳаминхел мегуфт, боз ҳам шумо барин йагон кас нақл мекард-ма?
Ровӣ: — Не. Ҳич кӣ ин хел нақл намекард. Ун кас ҳамта оддииии, ҳамтек, мегуфтан.

## Vocabulary accompanying appendix 1

| | |
|---|---|
| av / av balam | ey; ey bačam |
| avqot | xūrok |
| avlo | behtar; "az in muram avlo" |
| avozad | ovozi tu |
| avrū | az on taraf |
| aylanmiš (ū) | čarx zadan, davr zadan |
| aku | aknun |
| alavmemondagī | alavmon, otašmon, gūlaxčī |
| almisoq | qadimī |
| anamqata | ana hamin miqdor |
| andak-mundak | e'tibor doštan, šūhrat doštan |
| ani šumo | az oni šumo |
| anoyī nabudan | sahl nabudan |
| arališ (ū) | omexta |
| | |
| bega | dirūz |
| beka (ū) | xonum |
| beyī | biyoī |
| berad | biyovarad |
| bid | komil |
| borin = barin | monandī |
| budramiš (ū) | garang, gij |
| buqa (ū) | govi nar |
| bursem | burda istodaem |
| butun | tamoman, komilan |
| būtam (ū) | vožai navozišī |
| | |
| vadabang = vadavang | zud, xušhol |
| Važžī | nomovo, badanaš važžī mekunad |
| vağur-vuğur | nomovo, sadoi odamone, ki az dur šunida mešavad |
| | |
| giyirisay | girya karda istodaast |
| girsay | girifta istodaast |
| girta | girifta |
| girtood | girifta bud |
| gurung (ū) | sūhbat |

| | |
|---|---|
| gufsay | gufta istodaast |
| gufsohod | gufta istoda bud |
| | |
| ğaybuy | ğaybī, pinhonī |
| ğūb-ğūla | qadpast, lūnda |
| ğūl | odami pašmini buzurgjussa, ki guyo dar kūhho zindagī mekunad |
| ğūlu kišan | kundavu zanjir |
| | |
| da | dar |
| dabang | kalon; azimjussa |
| daldu | darbadar |
| darni | daruni |
| dosay | doda istodaast |
| | |
| ilačila | zud |
| ilik (ū) | mağzi ustuxon; ustuxoni dast va yo poyi gūsfand |
| inta | in tavr |
| iskirifta | qapida, došta |
| iskirt | qapid, došt, dast girift |
| isnod | nang |
| yakdan | yakbora, daf'atan |
| yakob | obe, ki ba čand samt meraft, yakjo šud, ya'ne "yakob" šud. dar injo ba ma'nii yakjo šudani nazdikon. |
| yana (ū) | boz |
| yigit (ū) | javon |
| yoš (ū) | javon |
| yummī | nomovo baroyi girya kardan |
| | |
| kapek (r) | tanga; sikka |
| kafisay | kafida istodaast |
| keč pešin | sari pešin |
| kiym (ū) | libos |
| kišan | zanjirband |
| kulluk | dastu poro yakjo bastan |
| kunsay | karda istodaast |
| kusi èget-ba | dašnom; ba faloni sohibat |
| kufayakun | nestu nobud |
| kuštodī | kušta budī |

| | |
|---|---|
| kūlobitūppa | nomi xūroki xamīrī, tūppa |
| kūrišmiš (ū) | voxūrī |
| | |
| qadama tayoq | bozii bačagona |
| qaqra | nomovo |
| qalqon (ū) | sipar |
| qamoq (ū) | zindon |
| qanat (ū) | bol, par |
| qatī = katī | hamrohī |
| qir | teğai kūh |
| qot | sūroxī |
| quyma (ū) | rexta, munosib |
| quluq (ū) | ta'zim |
| qučok (ū) | oğuš, bağal |
| qūyma-qučok (ū) | oğuš ba oğūš |
| | |
| ma-yed | bigired |
| maxta (ū) | sitoyiš; ta'rif |
| mas | bo dast išora kardan, sila kardan (mas kašida) |
| ma'mus | navoziš, sila |
| mament = moment (r) | dar yak dam |
| meayezad | meovezad |
| meiskirat | meqapad, dast megirad |
| merad | meravad |
| metiqonad | tela medihad |
| meteyī | medihī |
| monsay | monda istodaast |
| mūleš | ziyodtar, bēštar |
| | |
| nagirtī | nagiriftī |
| nagirtay | nagiriftaast |
| naydem-am | nadidaem ham |
| nasaq | nang, nomus |
| nateyat | nadihad |
| narxaša napursida | biduni pursiš; noogohona |
| | |
| ovarsodageš-ba | ba ovarda istodaaš |
| ozuqa | xūrok |
| omda | omada |

| | |
|---|---|
| omsohod | omada istoda bud |
| očiq-alayno | kušodu ravšan |
| | |
| paykon | poymol, zeru zabar |
| panom | panoham (puštu panoh) |
| pitišlī (ū) | monand |
| poyda | pinhoni nigaron budan; "poyda istodan" |
| put | ling; "puta bardošta" |
| putun = butun | tamoman, purra |
| pūk | xolī |
| | |
| rani (r) | majrūh |
| rūm | rūyam |
| | |
| sabča | xarbuzai xomi nopuxta |
| sayla (ū) | intixob |
| sarhang | sanduq |
| sor | savor |
| suruk (ū) | gurūh |
| | |
| talotūp | mağal |
| talpinmiš (ū) | harakat, kūšiš |
| taputez | harakat |
| te | bideh |
| temur (ū) | ohan |
| tentak (ū) | devona |
| teppeš | saraš: "rustam da teppeš mebardorad" |
| teton | dihed šumo |
| toba | tavba |
| toxsen | toxta istodaand |
| tus-tūpalang | čun girdbod |
| | |
| unta | on tavr; on čunon |
| unčeša | on čizašro; vožai mubham |
| unčī | vožai mubham: "unčī mekunad" |
| unja | dar on jo |
| urū | on taraf |

| | |
|---|---|
| ūğ (ū) | tir |
| ūrūša | on tarafašro |
| ūxša (ū) | monand |
| | |
| xūrsai | xūrda istodaast |
| | |
| hamtek | hamin tavr-ak |
| haqqatan | dar haqiqat, voqean |
| hamire | hamin taraf |
| hemirī | arzon, nočiz |
| hingir-hingir | nomovo, sadoi aspho |
| hiččī | hej čiz |
| holanki | in, on, vay; one ki dar in jo bud |
| holī | holo |
| | |
| čakka | yak tarafi rūy |
| čarča (ū) | monda, xasta |
| časpa kard | ihota kard |
| čiroylī | zebo |
| čirraz | nomovo, bo sado-yi baland dod zadan |
| čuqot | vaqt, zamon |
| čutū | či tavr |
| čūpxūrda | bo čūb zarb xūrda |
| | |
| jaraqqas | nomovo nisbati nur |
| jiyistan | jahidan |
| julin (ū) | rag (julini gardan – ragi gardan) |
| jiyan | pisari barodar va xoharro gūyand |
| jūna (ū) | harakat |
| jūra (ū) | dūst |
| | |
| šaqar-šaqar-šaqar-šaqar | nomovo, sadoi poi asp |
| šusodī | suda istodaī |
| šilmiš | kašola; bo panjai dast kašidani čize |
| šotim | šoyad |
| šumohondayin | monandi šumohon |
| | |
| èga (ū) | sohib |
| ègav (ū) | sūhon |
| ètak (ū) | poyon, oxir |